**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

## СИЁСАТШИНОСӢ

**УДК: 32и+327+33и**

**ҲОШИМӢ С.**[1]

# ХАЛИҶИ ФОРС: ЭҲТИМОЛИЯТИ БАРХУРДИ МАНОФЕИ КИШВАРҲОИ МИНТАҚА

Дар мақолаи мазкур муаллиф равандҳои сиёсии минтақаи Халиҷи Форсро мавриди таҳқиқ қарор дода, масъалаи таъмини амнияти онро таҳлил намудааст. Ҳамчунин дар он омилҳои таъсирбахш ба амнияти минтақаи Халиҷи Форс нишон дода шуда, заминаҳои таърихӣ ва марҳилаҳои рушду инкишофи он дақиқ карда шудааст. Ғайр аз ин, дар мақолаи мазкур нақши давлатҳои алоҳидаи Халиҷи Форс дар таъмини амнияти минтақаи мазкур хеле бузург арзёбӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** Халиҷи Форс, амният, таъмини амният, амнияти минтақавӣ, манфиатҳои миллӣ, амнияти дастаҷамъӣ, муносибатҳои дуҷониба, ҳамкориҳои байнидавлатӣ.

То кунун умдатарин нигаронии кишварҳои минтақа ва қудратҳои бузурги Ғарб дар минтақаи Халиҷи Форс, масъалаи «амният» будааст. Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ Англия ба унвони қудрати ғолиби минтақа, назми суннатиро, ки аз пеш эҷод карда буд, ҳамчунон ҳифз намуд. Дар соли 1971, бо хуруҷи англисҳо, Амрико бо иҷрои сиёсати маъруфи «дусутунӣ» дар қолаби омӯзаи Нексон, низоми амниятии минтақаро шакл дод. Аммо дар солҳои поёнии даҳаи 70 қарни ХХ, чараёноте, ки дар минтақа рух доданд, ин низомро аз байн бурданд; то ин ки дар аввалҳои даҳаи 1980 як низоми амниятии ҷадид ба номи «Шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс» [1], дар ҳошияи Ҷанубӣ ба вуҷуд омад, ки бо ҳамлаи Ироқ ва Қувейт нотавонии он низ ба исбот расид.

Дар пайи фурӯпошии паймони «Варшава» ва низоми ҷаҳонии дуқутбӣ дар оғози даҳаи 1990 мафҳуми «амният» дар минтақаи Халиҷи Форс ба гунае ғайриқобили тасаввур дигаргун шуд. Дар робита бо мафҳуми «амният», гумони таҳдиди Иттиҳоди Шӯравӣ (собиқ СССР) ҷои худро ба нигаронӣ дар бораи кашмакашиҳои фазояндаи сарзаминӣ дар даруни минтақа додааст. Ин дигаргунии ҳузури низомӣ идомаёбандаи бегонагонро дар минтақа тавҷеҳ мекунад, ки он низ ба навбати худ, аз манобеи ноамнӣ дар Халиҷи Форс маҳсуб мешавад. Дар баробари ин таҳдидоти ҷадиди минтақаӣ, нозирони огоҳ ба роҳи ҳалли иҷтинобнопазири минатқавӣ меандешанд ва он иттиҳоди минтақавии фарогир бо ширкати ҳамаи қудратҳои каронаи Халиҷи Форс ва дар таомул бо нерӯҳои хориҷи ҳозир дар минтақа аст.

Ин мақола дар пайи ёфтани посухи ин пурсиш аст, ки чӣ навъ низоми амниятӣ аз анвои гуногуни он, имрӯз метавонад аз пайдоиш, таниш ва ҷидол ва ихтилоф дар

---

[1] **Адрес для корреспонденции:** Саид Хошими - аспирант ТНУ. 734051, Республика Таджикистан г.Душанбе, ул.Рудаки 17, тел. 919 99 49 04

минтақаи Халиҷи Форс пешгирӣ намояд. Бо дарназар гирифтани минтақаи бо аҳамияти Халиҷи Форс бо нерӯҳои билқуваи бешумори иқтисодӣ, амниятӣ ва роҳбурдӣ, наметавон нисбат ба амнияти он бетаваҷҷуҳ монд. Аз ин рӯ, зарурӣ аст кишварҳои минтақа бо ҳамкории якдигар ва бо иҷмои назар ҳамоҳанг дар мафҳум ва моҳияти тавсеа ва субот ва тафоҳуми мутақобил, аз рафтани минатқа дар сарозерии бесуботӣ, таниш, буҳрон ва ҷанг, худдорӣ намоянд.

Ба далели он ки кишварҳои ҳошияи Халиҷи Форс дорои дидгоҳҳои мухталифе дар бораи масъалаи «амният» дар ин минтақа ҳастанд [2] бо дар назар гирифтани шароити ҷадиди ҷаҳонӣ ва пирӯзии иҷмолии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва муттаҳидонаш дар ҷанги дуюми Халиҷи Форс дар соли 1991 ва дар паёи ҳодисаи 11-сентябр Амрико ба ҳамлаи низомии ин кишвар ва муттаҳидонаш ба Афғонистон ва Ироқ, ки мӯҷиби тақвияти ҳузури нерӯҳои хориҷӣ дар минтақа шуд [3], лизо, барои таъмини амнияти минтақаи Халиҷи Форс дар ҷиҳати ҳадафҳои усулии ин кишварҳо бояд аз низоми амниятӣ бар асоси ҳамкорӣ баҳра ҷуст ва аз тариқи коҳиши нақши қудратҳои хориҷӣ дар минтақа ва бо бештарин истифода аз сиёсати танишзудоӣ ва саъй дар эътимодсозии мутақобил, ба ин хоста ноил омад [4].

**Мафҳуми амният.** Таърифи фарҳангҳои луғот аз «амният», иборат аст аз; дар маърази хатар набудан ё аз хатар муҳофизат шудан. «Амният» ҳамчунин иборат аст аз: раҳоӣ аз тардид, озодӣ аз изтироб ва бимнокӣ ва доштани эътимод ва итминони муваҷҷаҳ ва мустанад. Амният хоҳ фардӣ, миллӣ ё байналмилалӣ, дар зумраи масоиле аст, ки инсон бо он мувоҷеҳ аст. Амният ба сурати васеъ, дар мафҳуме ба кор гирифта шудааст, ки ба сулҳ, озодӣ, эътимод, саломатӣ ва шароите ишора мекунад, ки фард ё гурӯҳе аз мардум эҳсоси озодӣ аз нигаронӣ, тарс, хатар ё таҳдидоти ношӣ аз дохил ё хориҷ дошта бошанд [5],

Думаънӣ будани мафҳуми амният дар таърифи луғатномаҳо, ки аз як сӯ ба маънои муҳофизатӣ, устуворӣ ва нуфузнопазирӣ, қобилияти эътимод, итминон аз набудани шикаст ва аз сӯи дигар, ба маънои набудани изтироб аз ташвиш ва хатар ишора дорад, муъакис аст. Аз ин рӯ, таърифи воҳид ва мутлақе аз «амният» вуҷуд надорад ва ин вожа мафҳуми зотан нисбӣ аст [6].

Пас бо таваҷҷуҳ ба ихтилофи мавфҳумии бисёре ки дар бораи таърифи «амният» вуҷуд дорад, бо дар назар гирифтани ҳамаи мавридҳо метавон дарёфт, ки «амният», яъне озод ва раҳо будан аз хушунат эъмолшуда тавассути дигарон аст. Ин ба ақидаи муаллиф комилтарин таърифе аст, ки муҳтавои ин мафҳумро баён мекунад.

**Намунаҳои амнияти минтақа.** Агар мафҳуми «амнияти минтақавӣ»-ро аз назари таркиби вожагонӣ дар назар бигирем, дорои ду вожа «амният» ва «минтақаӣ» аст [7]. Ҳарду вожа печида аст ва таърифи қобили қабули муштараке барои онҳо вуҷуд надорад ва шояд беҳтарин роҳ барои наздик шудан ба ин қиёс ва муқоиса бошад. Пас бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти ақидаҳои гуногуне, ки дар бораи ин ду вожа вуҷуд дорад, бо таваҷҷуҳ фақат таърифи минтақае метавон ироа кард, ки чунин аст: «амнияти минтақавӣ» маҷмӯаи тамоми тасаввурот ва таъбирот аз амнияти миллӣ аст, ки аъзои як низоми минтақавӣ дар замони хос онро ба кор мебаранд. Бинобар ин, амният ё ноамнии минтақавӣ метавонанд аз маҷмӯаи сатҳҳои кашмакаш дар як минтақа, эътибороти низомӣ ва ниҳодҳо ва иттиҳодиятҳои ҷамъӣ ба даст ояд [8].

Дар саросари қарни XX давлатҳо ба ҳамсоягони наздики худ ба унвони манобеи билқувва таҳдид ё иманӣ менигаристанд. Бо таваҷҷуҳ бар ин ҳамсоягон, давлатҳо дар ҷустуҷӯи эҷоди қоидаҳо ва роҳҳо буданд, ки бар асоси он қоида дар як маҷмӯаи минтақавии хос, иқдом кунанд. Боре Бузон мӯътақид аст: моҳияти иртиботии амният, мафҳуми намунаҳои амнияти миллии як давлатро бидуни дарки

асосӣ аз вобастагии мутақобили намунаҳои амнияти минтақаӣ, ки дар он вуҷуд дорад, номумкин месозад [9].

Дар ин ҷо, «минтақа» ба унвони маҷмӯае аз давлатҳо таъриф мегардад, ки ба лиҳози ҷуғрофиёӣ, дар наздикии якдигар воқеъ шудаанд. Ба ихтисор чанд маврид аз [10] низомҳои амнияти минтақаӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**1. Дифои дастаҷамӣ.** Ин мафҳум, назарияи амниятӣ дар даврони пас аз Ҷанги ҷаҳонии аввал буда, ки дар чаҳорчӯби СММ мутаҷаллӣ гардид. Муҳимтарин ҳадафи дифои дастаҷамъӣ ҳифозати мутақобили аъзо нисбат ба якдигар дар баробари таҳдиди хориҷӣ аст. Дар ин низом, муқобила ва боздорандагӣ на ба сурати инфиродӣ, балки ба сурати ҷамъӣ анҷом мешавад ва аъзо мутааҳҳиданд дар баробари таҳдид, вокуниши дастаҷамъӣ нишон диҳанд ва ҳеҷ як аз аъзо иҷозаи ба канор кашидан надоранд [11].

**2**. Амнияти дастаҷамӣ. Тафовути «амнияти дастаҷамӣ» бо «Иттиҳод» дар ин аст, ки дар иттиҳод аъзо ба таври қат, давлатҳои ҳамфикр нестанд, балки танҳо дар бораи набудани истифода аз зӯр дар ҳалли ихтилофот тавофуқ намудаанд ва бар асоси ин қоида, дар муқобили ҳар хушунате ба таври ҷамъӣ вокуниш нишон медиҳанд. Асосан ҳадафҳо ва вазифаҳои амнияти дастаҷамъиро метавон дар қолаби се унвон ва маҷмӯа баён кард: ҳифзи сулҳ ва пешгирӣ аз вуқӯи ҷанг, эҳёи сулҳ ва бозгардондани сулҳ пас аз нақз ва аз байн рафтани он ва эҷоди сулҳ ва сулҳсозӣ, ки ба дунболи пешгирӣ аз хатари бозгашти ҷанг, пас аз поён ёфтани он, сурат мегирад [12].

**3. Амнияти фарогир.** Амнияти ҷомеъ дар талош буд то доманаи маҳаки суннатӣ ба сирфи низомӣ амнияти миллиро густариш диҳад ва илова бар нишон додани амният дар сатҳҳои ҷаҳонӣ, минатқавӣ, дуҷониба ва дохилӣ, масоили сиёсӣ ва иқтисодиро низ дар бар гирад [13].

**4. Амният бар асоси ҳамкорӣ**. Дар ин навъ аз амнияти минтақавӣ, талош мешавад давлатҳо ба ҷои рақобат, ба ҳамкорӣ бо якдигар бипардозанд. Амният бар асоси ҳамкорӣ дар пайи эҷоди абзорҳое аст, барои чолиш бо мухотироти пойдор ё таҳдидоти навзуҳӯр, ғалаба бар сӯи занҳое, ки боиси эҷоди хатароти сиёсӣ мешавад ва коҳиши мавонее ки байни ҷомеаҳо, ҳукуматҳо ва кишварҳо ба думболи давраҳое истеъмор, пеш аз истиқлол ва ҷанги сард эҷод гардид [14].

**Мавқеияти роҳбурдии Халиҷи Форс**. Халиҷи Форс яке аз минтақаҳои роҳбурдии муҳимми дунё маҳсуб мешавад. Албатта ин амр масъалаи ҷадиде нест, балки аз қарнҳо қабл амри шинохташуда ва мавриди қабули ом будааст. Дар қарнҳои охир, Халиҷи Форс шоҳиди ҳузури тасаллути давлати истеъмории Англия дар он ҷо будааст [15].

Яке аз далелҳои аҳамияти роҳбурдии Халиҷи Форс вуҷуди гулугоҳи Ҳурмуз аст. Гулугоҳи Ҳурмуз гузаргоҳе аст, ки халиҷи Форсро ба дарёи Уммон мепайвандад. Ин гулугоҳ яке аз муҳимтарин ҷоест, ки дар байни 11 тангаи муҳими дунёст, ки барои абарқудратҳо ва қудратҳои бузург аҳамияти иқтисодӣ ва роҳбурдии зиёде дорад [16].

**Эътимодсозӣ ва зарурати он.** Дар илми сиёсат ва робитаҳои байналмилал шавқ ва алоқа ба пешгирӣ аз даргирӣ, муноқиша ва ҷанг, реша дар қарни XIX дорад. Бар асоси таърифе ки фарҳангҳои луғат ироа медиҳанд, «эътимод», яъне: итминони фикрӣ ё эътиқоди шадид ба қобили итминон будани дигаре ва ё ба садоқат ва воқеияти як ҳақиқат аст. Яке аз маъруфтарин таърифе ки дар хусуси иқдомоти эътимодсозӣ ироа шуда, тавассути Ҷуҳан Ҳолст (Johan Holst) сурат гирифтааст. Дар асоси ин таъриф, эътимодсозӣ замонатдиҳандаи гувоҳи муътабар аз фиқдони таҳдидоти мухотираангез аст.

Эҷоди сулҳ ва субот ва иҷтиноб аз ҷанг қонеъкунандатарин далеле аст, ки муҳаққиқони робитаҳои байналмилалӣ эътимодсозии онро ба унвони як аҳамият ва зарурат баён кардаанд. Фридман дар баёни зарурати эътимодсозӣ мегӯяд: арзиши аслии тадобири эътимодсозӣ мумкин аст дар раванди воқеии эътимодсозӣ дар замони сулҳ бошад, ки ба ором шудани танишҳо кӯмак мекунад, ба гунае ки эҳтимоли эҷоди буҳронҳои ҷиддиро аз миён мебарад [17].

Воқеият ин аст, ки амнияти Халиҷи Форс аз тариқи истифода аз нерӯи низомӣ таъмин нахоҳад шуд, чароки шароити кунунии минтақа бо гузашта тафовути қобили мулоҳизае намудааст ва сирфи тақвияти нерӯҳои низомӣ наметавонад зомини амнияти кишварҳои минтақа бошад. Имрӯз кишварҳои минтақа бояд аз тариқи афзоиши амният дар минтақаи Халиҷи Форс, битавонанд амнияти худро дар пояи эътимоди мутақобил, густариши манофеъ ва ҳамкории муштарак таъмин намоянд. Бо таваҷҷуҳ ба омилҳое, ки дар зер зикр мешаванд, метавон ба зарурат ва аҳамияти эътимодсозӣ дар минтақаи Халиҷи Форс пай бурд:

1. Аҳамияти роҳбурдии нефти Халиҷи Форс дар оянда низ идома хоҳад дошт. Аз ин рӯ, кишварҳои санъатӣ шеваҳои лозим барои маҳори ҷараёни нефтро ба кор хоҳанд баст. Маҷмӯаи масоили ҳассос дармонтарин минтақаи сиёсии ҷаҳон, бозор нефтро ҳамчунон ба сурати як маркази сиёсатзада нигоҳ хоҳад дошт. Эътимоди мутақобили кишварҳои минтақа ва афзоиши сиёсатҳои танишзудоӣ байни давлатҳо метавонад ба унвони муҳимтарин абзори муқобила бо ин буҳронҳо бардошт шавад. Аз сӯи дигар, кишварҳои минтақаи Халиҷи Форс бо таваҷҷуҳ ба пайвастагии манофеъ барои бақо, пойдорӣ ва муқобила бо хатарот, ба иртибот ва эътимоди мутақобил ниёзи мубрам доранд.

2. Бо таваҷҷуҳ ба ҷаҳонишудани иқтисод, ба назар мерасад, таҳдидҳо ва ҷангҳоиояндаи ҷаҳон камтар ба хотири тамаддунҳо, балки бештар ба сабаби муқобил манофеи гуногун, аз ҷумла манофеи иқтисодӣ сурат бигирад [18].

**Баъзе аз роҳҳо ва иқдомоти эътимодсозӣ ва танишзудоӣ дар минтақа.** Бо таваҷҷуҳ ба шароти ҷуғрофиёӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва стратегии муштараки кишварҳои Халиҷи Форс, усул ба ду ҳадафи асосӣ «амният» ва «манфиатҳои миллии кишварҳо» дар соири ваҳдат ва ҳудудияти минтақаӣ муяссар аст. Бинобар сабаби ихтилофи назарҳои ҷуғрофиёӣ, ҳамкорӣ дар заминаҳои иқтисодӣ ва фаннӣ, ки бар ҳамкориҳои сиёсӣ – стратегӣ тарҷеҳ доранд, асоси як низоми амниятӣ бар асоси ҳамкории минтақавӣ ва солим ва роҳи инҳисорӣ ба фарди ин кишварҳо барои расидан ба ҳадафҳо аст, ки дар ин бахш намунаҳои муносиби зер пешниҳод мешавад:

1. Ислом ба унвони идеологияи ҳоким дар миллатҳои минтақа, бояд ҳомили паёми ваҳдатофарин бошад. Аз таассуроти хушк бояд дурӣ ҷуст ва аз ин тариқ, аз рақобати идеологӣ ва ҷанги сарди исломӣ эъроз намуд ва конуни танишро аз байн бурд.

2. Эҷоди робитаҳои бародарона байни кишварҳои мусалмони минтақа ва рафъи ихтилоф байни давлатҳои Арабу Форс иқдом ба эҳсосотзудоӣ, аз ҷумла мавридҳои сиёсии кишварҳои минтақа аст. Ҳамчунин таъкиде бар ин мавзӯъ, ки таъмини манфиатҳои миллии ҳама дар гарави мусолимати сулҳ ва ҳамзистии дастаҷамъӣ аст.

3. Эҷоди робитаҳои баробар ва бидуни ҳадафҳои ғалабаовар ва рақобатомез, ки то ба кунун мавриди баҳрабардории кишварҳои манфиатовар дар минтақа будааст.

4. Зудудани зеҳниятҳои манфии таърихӣ ва қабулондани ин мавзӯъ, ки ҳеҷ як аз кишварҳо ҳаргиз қасти ғалаба бар минтақаро надоранд ва ин мавзӯъ таблиғи

кишварҳои Ғарбӣ, бавижа Амрикост. Дар ин замина, бояд душмани воқеӣ, аслӣ, дерина ва муштараки дунёи Ислом шиносоӣ шавад.

5. Коҳиши буҷаи дифоии кишварҳо ва асоси қарор додани «дифоъ» дар тавлид ва таҳияи таҷҳизоти низомӣ ва рафъи таблиғоти сӯи Ғарб, бавижа Амрико ва ҷалби эътимоди давлатҳои минтақаи Халиҷи Форс нисбат ба якдигар.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар солҳои охир шоҳиди таҳаввул ва дигаргунии азиме дар маъно ва мафҳум «амният» будаем. Ҳам акнун «амният» як мафҳуми куллӣ ва густардае дорад, ки сирфан шомили бӯъди низомӣ ва таслиҳотӣ намешавад, балки маъно ва мафҳуми он бисёре аз абъоди зиндагии мо, аам аз иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсиро низ шомил мегардад.

Дар ин давра, амнияти ҳамаҷонибаи Халиҷи Форсро низ танҳо бо абзорҳои низомӣ наметавон барқарор кард, балки ниёзманди созукорҳои хосе аст, то ҳамкории ҳамаи кишварҳоро барангезад ва ҳамаи кишварҳои минтақаро дар он ширкат диҳад ва ин муҳим ҳосил намешавад, магар бо мушорикат ва ҳамкории ҳамаҷонибаи тактаки кившарҳои минтақа ва парҳез аз ҳар гуна ихтилоф ва дудастагӣ.

Аз сӯи дигар, амнияти минтақа атрофи эҷоди «амнияти ҷамъӣ» давр мезанад. Ин амр мусталзими як низоми амниятии муштарак аст, ки дар он роҳбурдҳои амниятии тамоми кишварҳо якпорча гардида, якдигарро такмил намоянд. Эҷоди ин низом ниёзманди тавофуқ бар сари гурӯҳе аз иқдомоти муштарак аст. Беҳтарин роҳ расидан ба чунин ҳадафе иқдомоти эътимодсозона дар ҷиҳати эҷоди эътимод аст. Барои табдили минтақаи Халиҷи Форс ба як минтақаи сулҳ ва амният, бояд ҳусни ният ҷойгузини сӯи ният шавад ва ин ниёзи асосии имрӯза дар ин минтақа ба шумор меравад.

Воқеиятҳои айнӣ ва масоили пеш омада, пас аз воқеаҳои 11 сентябр низ нишонгари ҳарчи пуррангтар шудани ҳузури нерӯҳои хориҷӣ, бахусус нерӯҳои амрикоӣ, дар минтақа ҳастанд. Рӯз ба рӯз низ бар қудрат ва нуфузи онон дар минтақа афзуда мешавад.

Эътиқод бар ин аст, агар чунин шароите, беҳтарин роҳкор барои кишварҳои минтақа дар пеш гирифтани сиёсати «ҳамкорӣ» ва «танишзудоӣ» бо ҳамдигар ва «ҳалли мусолиматомези ихтилофот» мебошад. Пас амнияти минатқавӣ бар асоси ҳамкории мутақобил, дар ин бурҳаи замонӣ беҳтарин навъи амнияти минтақаӣ барои ин минатқаи ҳаётӣ ва роҳбурдӣ ба шумор меояд.

Минтақаи Халиҷи Форс ҳамвора ба унвони яке аз минтақаҳои муҳимми амниятӣ, роҳбурдӣ ва иқтисодӣ дар низоми байналмилалӣ аз ҷойгоҳи вижае бархурдор буда, ба гунае ки дар қарнҳои охир, пайваста мавриди таваҷҷуҳи қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ буда ва аз таҷовузи онҳо дар амон намондааст. Имрӯз бо иктишофи нефт ва бо таваҷҷуҳ ба нақши асосии он дар иқтисодӣ ҷаҳонӣ, амният ва суботи ин минтақа дағдағаи аслии кишварҳои минтақа ва ҷаҳон аст. Ба назар мерасад, бо таваҷҷуҳ ба бофти давлатҳои минтақаи Халиҷи Форс ва вазъияти сарзаминӣ ва ҷуғрофиёи сиёсии он амнияти минтақавӣ мубтани бар ҳамкории байни давлатҳои минтақа, муносибтарин шева барои таъмини амнияти Халиҷи Форс аст. Албатта, ин муҳим низ ҳосил намешавад, магар бо бакоргирии шеваҳои гуногуни эътимодсозии мутақобили байни давлатҳои минтақа барои рафъи сӯи тафоҳумот, ки вазифаи сарони кишварҳои минтақа аст.

**Адабиёт**

1. Баҳмани Наимии Арфа. Мабонии рафтории шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс дар қиболи Ҷумҳурии Исломии Эрон. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. Вазортаи умури хориҷӣ. Теҳрон. 1370. -С. 45,.

2. Тоҳираи Иброҳимфар. Улгуҳои эътимодсозӣ дар минтақаи Халиҷи Форс. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. Маркази чоп ва интишорти Вазортаи умури хориҷӣ. Теҳрон, 1381. -С.22.
3. Маҳмадалии Имомӣ. Омилҳои таъсиргузори хориҷӣ дар халиҷи Форс. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. Маркази чоп ва интишорти Вазортаи умури хориҷӣ. Теҳрон, 1381. - С.49.
4. Тоҳира Иброҳимафар. Улгуҳои эътимодсозӣ дар минтақаи Халиҷи Форс. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. Маркази чоп ва интишорти Вазортаи умури хориҷӣ. Теҳрон,1381. -С.49.
5. Алии Рабеӣ. Мутолиоти амнияти миллӣ. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ. Маркази чоп ва интишорти Вазортаи умури хориҷӣ. Теҳрон. 1383. - С.44.
6. Алии Абдуллоҳхонӣ. Назарияҳои амниятӣ. Муқаддима бар тарҳрезии докторинаи амнияти миллӣ. Муассисаи фарҳангии мутолиотӣ ва таҳқиқоти байнлалмилаи аброри муосир. Теҳрон. 1383.- С.357.
7. Морган Патрик М. Назмҳои минтақаии амниятсозӣ дар ҷаҳони навин. Тарҷумаи Саидҷалоли Деҳқонӣ. Пажӯҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ. Теҳрон. 1380. -С.40.
8. Ифтихори Асгар. Марҳилаҳои бунёдини андеша дар мутолиоти амнияти миллӣ. Пажуҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ. Теҳрон. 1381.-С. 266.
9. Боре Бузон. Мардум, давлатҳо ва ҳарос. Тарҷумаи Пажуҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ. Теҳрон. 1378. -С.55.
10. Зев Моз. Амнияти минтақаӣ. Тарҷумаи Довуди Уламоӣ. Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ. Донишкадаи фармондеҳӣ ва ситод. Теҳрон. 1379. -С. 47.
11. Луренс Фридман. Гузидаи мақолоти сиёсии амниятӣ, мафҳуми амният. Тарҷумаи муассисаи пажӯҳишҳои иҷтимоӣ. Биниш. Теҳрон. 1375. -С.319.
12. Луренс Фридман. Гузидаи мақолоти сиёсии амниятӣ, мафҳуми амният. Тарҷумаи муассисаи пажӯҳишҳои иҷтимоӣ. Биниш. Теҳрон. 1375. -С.359.
13. Алии Абдуллоҳхонӣ. Назарияҳои амниятӣ. Муқаддима бар тарҳрезии докторинаи амнияти миллӣ. Муассисаи фарҳангии мутолиотӣ ва таҳқиқоти байнлалмилаи аброри муосир. Теҳрон. 1383.- С.325.
14. Ҷон Билис. Амнияти байналмилал дар асри пас аз ҷанги сард. Тарҷумаи Ҳусейни Маҷдии Наҷм. Сипоҳи посдорон. Давраи олии ҷанг. Теҳрон. 1379. -С.86.
15. Размори Ҳолис. Амнияти Халиҷи Форс. Тарҷумаи Ҳокими Қосимӣ. Донишгоҳи Имомҳусайн. Теҳрон. 1372. -С.80.
16. Амири Асадиён. Сиёсати амниятии Амрико дар Халиҷи Форс. Пажӯҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ. Теҳрон. 1381.-С.27.
17. Ҷалил Рушандил ва Ҳусайни Сайфзода. Таорузоти дохилӣ, минтақаӣ ва байналмилалӣ дар Халиҷи Форс. Маркази пажӯҳишҳои илмӣ ва мутолиоти стратегии Ховари миёна. Теҳрон. 1382.-С.21.
18. Ҷон Л. Еспозито. Исломи сиёса Ғарб, гуфтугӯи тамаддунҳо ё бархӯрди тамаддунҳо. Фаслномаи сиёсати хориҷӣ. №48, тобистони 1367. -С.314.

**ХОШИМИ С.**

## РОЛЬ ПЕРСИДСКОГО ЗАЛИВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ БЕЗОПАСНОСТИ ЭТОГО РЕГИОНА

В данной статье автор исследует политические процессы Персидского Залива и анализирует проблемы обеспечения безопасности этого региона. Также показаны влияющие факторы региона Персидского Залива и представлены исторические предпосылки и циклические развития преграды данного региона. Кроме того, в статье показаны роль отдельных государств Персидского Залива в обеспечении безопасности.

**Ключевые слова:** Персидский Залив, безопасность, обеспечение безопасности, региональная безопасность, национальные интересы, коллективная безопасность, двустронные отношения, межгосударственные сотрудничества.

**HISHIMI S.**

## PERSIAN GULF ROLE IN ENSURING SAFETY OF THIS REGION

In this article the author examines the political processes of the Persian Gulf and analyzes security issues of the region. In this article also shows the factors affecting the security of the Persian Gulf region and presented the historical background and development of cyclic barriers in the region. In addition, the author of the article shows the role of individual states in the Persian Gulf security in the region.

**Keywords:** Persian Gulf, safety, security, regional security, national interests, collective security, dvustronnye relations, interstate cooperation.